ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 65.9 (2) 32

ҶУМАЕВ НАҶМИДДИН АБДУЛЛОЕВИЧ

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ
(дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарз дар комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ — **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Муқарризони расмӣ: — **Қудратзода Рустам** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Наимов Бекмурод Қунғуротович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муассисаи тақриздиҳанда — **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳимояи кори диссертатсионӣ санаи «04» ноябри соли 2026 соати 9 00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-134 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: **olimov-1976@mail.ru**, телефони котиби илмӣ: (+992) 101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (www.tajagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “_____” _____ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Олимов А.Х.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ сиёсати давлат бештар ба самти тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ҳамчунин ба содирот нигаронидашудаи маҳсулоти ниҳоии саноативу кишоварзӣ бо роҳи рақамикунонии иқтисодиёт, истифода аз техника ва технологияи инноватсионӣ, ҳар чи бештар коркарди ашёи хоми кишоварзӣ бо истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат ба ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи агросаноатӣ ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ, баҳрабардории самаранок аз иқтидорҳои воқеии иқтисодӣ, таҳкими рақобати тавлидгарони ватанӣ ва ба ин механизм ба рафъи мушкилоти мубрами иҷтимоӣ-иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодааст.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [62] яке аз самтҳои бунёдии фаъолият дар арсаи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ «Рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҷмуавии маҳсулоти кишоварзӣ» [62, С. 86] дарҷ карда шудааст.

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 28-уми декабри соли 2024 ироа шуд, қайд гардидааст: «Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд» [46, С. 18-19].

Маҳз дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон барои рушду тақвияти фаъолияти соҳибкории аҳолӣ корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шароит фароҳам оварда, манбаи пур кардани буҷети хонаводагӣ, маҳаллӣ ва давлатӣ гардида, дар натиҷа заминаҳои муосири рушди устувори иқтисодиётро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ, гузариш ба самти рушди устувори иқтисодиёти водии Ҳисор ва кулли минтақаҳои кишвар аҳаммияти калон дорад. Чунки солҳои охир ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, аммо талафёбии он ҳоло ҳам мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад. Сабаби асосии талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ ин нобаробар ҷойгиршавии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад, ки боиси ба қадри кофӣ коркард нагардидани маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ гардида истодааст. Чунки дар шароити муосир «Комплекси агросаноатии Тоҷикистон танҳо 20 фоизи маҳсулоти кишоварзиро коркард менамояд» [62, С.68]. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки талафоти он то андозае кам ва аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат тамоми сол таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, такмили ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки коркарди маҷмуавии маҳсулоти кишоварзӣ бештар ба роҳ монда шавад.

Аммо, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали гузариш аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи нахусти гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ бунёди корхонаҳои бузурги агросаноатӣ, махсусан дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷониб душвор мебошад. Вобаста ба ин, дар ин самт, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, бахусус «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунони босуръати кишвар», таъсис ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ бо мақсади самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи водии Ҳисор мувофиқи мақсад мебошад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши сатҳу равиши такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои назаррас дар таъмини рушди устувори иқтисод мубрамии мавзуи таҳқиқотро ба миён меорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ ба таҳқиқот оид ба такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Асосҳои назариявӣ ва такмили фаъолияти корхонаҳо дар андозаҳои гуногун, масалан микро, хурд, миёна ва калон дар таълифоти илмии классикон ва неоклассикони иқтисодиёт, аз қабили Й.А. Шумпетер [77, 78], Эдит Пенроуз [47], А. Купер [31] ва дигарон заминагузорӣ шуда буданд.

Минбаъд ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар соҳаҳои гуногун, таҳлили муқоисавии корхонаҳои хурду миёна аз корхонаҳои бузург дар бисёр корҳои таҳқиқотии олимони муосири хориҷӣ, аз ҷумла Г. Браун [11], Д. Стори [60, 61], А. А. Александрова [3], Л.Л. Гишкаев [15], М.В. Кочановский [29], И. Краснов [30], С.Н. Глаголев [16], К.Ж. Исмагулов [24], А.А. Атамазова [5], В.Я. Горфинкел [17], О. Николеску [44, 45], Т.Г. Мироседи [36], Г.В. Подбиралина [50], А.К. Гусев [19], А.В. Виленский [14], Э.А. Варданян [13] ва бисёри дигарон баррасӣ гардидаанд.

Солҳои охир олимони муосири ватанӣ ба масъалаи омӯзиши соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои кишоварзиву саноат, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна олимони ватанӣ аз ҷумла Ҳ. Қурбонов [32], С. Тоҳиров [68], Н.М. Аҳмадбеков [4], П.Н. Муллоев, [37, 38], Х.Х. Джураева [22], З.Х. Лолаев [33], Қ.К. Толибов [67], Ф.Ҳ. Самадзода [56], С.Ҳ. Ҳикматов [71], А. Рауфӣ [54], М.А. Маҳмудов [35], С.И. Абдуллоев [2], М.И. Турсунова [69], С.Д. Раҳимов [51, 52], М.Б. Самиева [57], К.К. Шодиев [75,

76], Д.П. Бойматова [10], С.Х. Ҳабибов [70], Б.Қ. Наимов [41] ва дигарон саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Инчунин, олимони хориҷӣ ва ватанӣ В.Г. Гусаков [18], А.И. Татаркин [66], Ш.Н. Намозализода [42], Д.Н. Дадоматов [20], Т.Д. Низамова [43], Д.Ш. Пиризода [49], М.Р. Раҳматуллоева [53] ва дигарон оид ба ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, нақши саноати коркард ва самаранокии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқот анҷом дода, ақидаҳои мухталиф пешниҳод намудаанд.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҷониби олимони барҷастаи ватанӣ Ҷ.С. Пиризода [48], У. Шарофов [74], А.М. Раҳимов [55] ва муҳаққиқон М.Н. Ҳусайнов [73], Ф.С. Юсуфзода [79] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин, таҳқиқгарон Н. Хоналиев [72], А.А. Мадаминов [34], А.А. Назаров [40], И.И. Каримов [25], Т.Т. Муслихова [39], Т.А. Имомназарова [23] ва дигарон оид ба ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ, бахусус ҷойгирнамоии ҳудудӣ ва махсусгардонии соҳибкории хурд ва миёна таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои мухталиф иброз намудаанд.

Бояд иброз намуд, ки дар тадқиқоти олимони хориҷӣ ва ватании дар боло зикргардида ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ин ё он соҳа ба таври умумӣ инъикос гардидаанд, ки тавассути онҳо таърихи омӯзиши соҳибкорӣ; тадқиқи соҳаи соҳибкории хурду миёна; баҳогузории самаранокии фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзӣ; хусусиятҳои минтақавии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, муаммоҳои инфрасохторӣ ва ғайра баррасӣ мешаванд.

Аммо, олимон ба асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мутобиқ намудани омилҳое, ки ба мукаммалгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор таъсиррасонанда, ҳолати оптималикунонии низоми ҷойгиркунӣ ва омилҳои таъсиррасон ба низоми ҷойгиркунӣ, асосноккунии назария ва амалияи дар водии Ҳисор ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи рушд ва истифодаи иқтидори водӣ, инфрасохтор ва талаботи бозор ба маҳсулоти коркардшудаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи лозимаи таҳқиқиро надодаанд, ки ин моро водор намуд мавзуи рисолаи диссертатсиониро интихоб ва мақсаду ҳадафҳои тадқиқоти худро дар ин самт муайян намоем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо ҳуҷҷатҳои муҳим ва стратегии кишвар, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [62], «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2030» [63], «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» [9], «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» [7], «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [27], «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» [6],

«Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» [8] ва дигар қарорҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна» алоқамандии мустақим дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мубрамияти мавзуъ бо аҳаммияти ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи агросаноатӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии саноативу кишоварзӣ дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ, баҳрабардории самаранок аз иқтидорҳои воқеии иқтисодӣ, саноатикунонии кишоварзӣ, таҳкими рақобати тавлидгарони ватанӣ ва ба ин механизм ба рафъи мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши асосҳои консептуалии назариявӣ-методологӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмил додани механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва муайян кардани роҳҳои баландбардории самаранокии он дар хоҷагиҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Вобаста ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳум, моҳият ва мазмуни иқтисодии корхонаҳои хурду миёна ва ҷойгиркунии онҳо, таҳия ва асосноккунии тавсияҳо оид ба ошкор кардани нақши ҷойгиркунӣ дар низоми идоракунӣ ва самаранокии истеҳсол ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ;
2. Муайян кардани принсипҳо ва критерияҳои ташаккулёбӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна ва механизми танзими онҳо, омӯзиши ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар давлатҳои хориҷӣ ва имконоти татбиқи он дар корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Таҳлил ва баҳодиҳии тамоюли рушди истеҳсол ва сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, баҳо додан ба иқтидор ва арзёбии имкониятҳои рушди водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
4. Таҳияи модел оид ба такмилдиҳии робитаҳои ҳамгироии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
5. Таҳия ва асоснок намудани модели ҷойгиркунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

6. Асоснок ва муайян намудани самтҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили механизми дастгирии давлатии молиявӣ дар ин самт.

Объекти таҳқиқот. Муайян намудани равандҳои такмили механизми ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар соҳаи соҳибкории хурду миёнаи иқтисодиёти водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Мавзуи таҳқиқот. Муносибатҳое мебошад, ки дар раванди рушди шаклҳои корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф меёбанд.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқотро муқаррароте дар бар мегиранд, ки дар ҳолати ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркард вобаста ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду ҳадафи олии мамлакат «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунонии босуръати кишвар» замина фароҳам меоварад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба корхонаҳои хурду миёна, бахусус такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ташкил менамояд. Таваҷҷуҳи номукаммали олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба масъалаҳои асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методологӣ, омилҳои ба ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна таъсиркунанда, мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, инфрасохтор ва талаботи бозор зарурияти таҳқиқоти мазкурро ба амал овард.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати сарчашмаи асосии маълумот дар кори диссертатсионӣ Паёмҳои солонаи Президенти мамлакат, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории раёсатҳои омор ва раёсатҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои саноати коркард ва ғайра ташкил додаанд.

Инчунин, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқоти мазкурро санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияву барномаҳои соҳавӣ, маводҳои ҳисоботию омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020 - 2025), Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотии соҳавӣ, нашрияҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва маводҳои таҳқиқотии муаллиф ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои таҳқиқотӣ дар назди кафедраи молия ва қарз дар КАС-и факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии

Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур гузаронида шудаанд. Инчунин дар таҳқиқот маводҳои конференсияҳои илмӣ - амалии ДАТ ба номи Ш. Шоҳмемур, маводҳои корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзии НТҶ истифода гардидаанд

Усулҳои таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқот усулҳои гуногун, аз ҷумла таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ , иқтисодӣ-математикӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф истифода бурда шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркардкунандаи саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳқиқи самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити иқтисодиёти водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиб ёфта, бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Мафҳум ва моҳияти иқтисодии корхонаҳои хурду миёна бо дарназардошти рушди низоми нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ ва пешниҳод шудааст. Дар заминаи омӯзишу пажуҳишҳои олимони хориҷию ватанӣ собит шудааст, ки дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ мафҳуми илмии корхонаҳои хурду миёна дар алоқамандӣ ба дараҷаи рушди иқтисодиёт, дар соҳаҳои алоҳида, ки онҳоро ҳаҷман аз корхонаҳои калон ҷудо менамояд, пешниҳод карда нашудааст. Бештари мафҳумҳои пешниҳодгардида умумӣ буда, мундариҷаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна бештар хусусияти пайравӣ аз намунаҳои мавҷударо дошта, бидуни фарқ аз кишварҳои тараққикарда ғояҳои навоварӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Ҳамзамон, омили маҳдудкунандаи асосии рушди корхонаҳои хурду миёна аз нуқтаи назариявӣ мавҷуд набудани критерияи ягонаи ҳаҷман фарқкунандаи шаклҳои гуногуни корхонаҳо мебошад.

Аз нигоҳи мо корхонаҳои хурду миёна – ин як навъ фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ буда, андозаи он вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайяншуда, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи дилхоҳ фаъолияткунанда, фаҳмида мешавад;

2. Принсипҳо, критерияҳо ва таснифоти фаъолияти корхонаҳои хурду миёна таҳқиқ ва маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати банизомдарории он пешниҳод гардида, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии таснифи корхонаҳои хурду миёна асоснок карда шудааст. Мафҳуми «критерияи маҷмуӣ», ки категорияи корхонаҳоро аз рӯйи теъдоди кормандон, даромади умумии солона, дороиҳо ва сифати он, иқтидори коркард ва ҳаҷми истифодабарии иқтидор муайян карда мешавад, пешниҳод ва шарҳи он аз ҷониби муаллиф дода шудааст.

Инчунин, дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ҷиҳати ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна, ҷузъҳои таркибии он, ба монанди низоми ташкилӣ-иқтисодӣ, дастгирии давлатӣ тавассути ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ бо истифода аз хусусияти институтсионалӣ, ташкилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, машваратӣ ва

иттилоотӣ ҷудо карда шуда, имконияти татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

3. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили амиқ ҳолати имрӯзаи ҳаҷми истеҳсол ва сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва ба ҳолати корхонаҳои хурду миёна баҳои иқтисодӣ дода шуда, роҳҳои асосии афзунсозии ҳаҷми истеҳсол ва пешгирии талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ муфассал пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин, роҳҳои асосии ташкил ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба иқтидори иқтисодии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо усулҳои гуногун аз ҷумла: бо дарназардошти иқтидори захираҳои моддӣ-молиявӣ, инноватсионӣ, меҳнатӣ, инфрасохторӣ ва сармоягузорӣ ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоврзӣ пешниҳод карда шуданд;

4. Оид ба такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо дарназардошти талаботу пешниҳодот, ҳаҷми истеҳсол ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ, ҳам барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам барои субъектҳои фурӯшандаи ин маҳсулот дар бозори минтақавӣ, ки дар натиҷа ба кооператсия ва ҳамгироии минбаъдаи комплекси агросаноатӣ дар асоси ҳамгироии амудӣ самт гирифтааст, модели муносибатҳои ҳамгироӣ таҳия ва пешниҳод шуданд;

5. Ҷиҳати таъмин ва дастрасии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба хатҳои технологии инноватсионӣ дар диссертатсия модели «Агросаноатлизинг» пешниҳод карда шудааст. Истифода аз хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ самаранокии модели «Агросаноатлизинг» дар мисоли корхонаҳои хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шуда, дурнамои рушди он муайян карда шудааст;

6. Механизми дастгирии давлатии рушди корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла такмили сиёсати сохтории дастгирии молиявӣ, таҳлили муҳити институтсионалӣ ва сохторию вазифавии фаъолияти мақомоти давлатии танзим ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, муайян намудани мушкилоти мавҷудаи ҳавасмандиҳои молиявӣ, андозӣ - гумрукӣ, қарзӣ, сармоягузорӣ ва лизингии дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна ва таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати бартарафсозии он пешниҳод шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ҷабҳаҳои назариявии мафҳум ва моҳияти корхонаҳои хурду миёна ва методологияи такмили ҷойгиркунии онҳо, принсипҳо ва критерияҳои муайянкунандаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар кишварҳои хориҷӣ ва имконоти татбиқи натиҷаи пешқадами онҳо дар амалияи корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида шудааст;

- ҳолати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи коркарди саноатии он дар водии Ҳисор, инчунин мавқеъ ва иқтидори иқтисодии

водӣ ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳлил ва баҳои иқтисодӣ дода шуд;

- зарурияти таҳияи модел ва таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили муносибатҳои ҳамгироӣ, асосноккунии равандҳои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ҳамчун асоси рушди стратегии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян ва асоснок карда шуд;

- маҷмуи тадбирҳои дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рақамикунонии он пешниҳод карда шуд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки мафҳум, моҳият, принсипҳо, критерияҳо ва нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда ва тавсияҳои муаллиф оид ба такмилдиҳии механизми ташкили корхонаҳои хурду миёнаро метавон ҳангоми қабул ва тағйири санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, таҳияи барномаҳо ва консепсияҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва водии Ҳисор истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таъсиси корхонаҳои хурду миёна аз ҷониби соҳибкорон ва ҳангоми таҳияи қарор, дастурамалҳо, тавсияҳо ва нақша-чорабиниҳои мақоми танзимкунанда ва дастгирикунандаи давлатии соҳибкорӣ истифода намудан мумкин аст. Ҳамчунин, хулосаву тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифро мутахассисон ва кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти андозу гумрук, бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ, лизингӣ, сармоягузорон ва ғайра метавонанд ҳамчун дастур истифода намоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути таҷрибаҳо, мукаммал будани таҳқиқот, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳои илмӣ эътимоднокии худро асоснок мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ иҷро карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи рисола ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии бунёд ва фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар комплекси агросаноатӣ ва маҳалли деҳот; 34. Асосхои ташкилӣ-иқтисодии тараққиёти корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 37. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 53. Масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташкил, ҷойгиркунӣ шиддатноккунонӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ (растанипарварӣ, чорводорӣ, соҳаи

коркарди маҳсулоти кишоварзӣ); 55. Оптималикунонии соҳаҳои кишоварзӣ ва самаранокии иқтисодии ҷойгиркунонии корхонаҳои коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ; 63. Ташкил ва рушди корхонаҳои хурд ва миёнаи коркарди саноатӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи марҳилаҳои амалигардонии таҳқиқи диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, таҳияи мубрамияти кор, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуданд. Ҳамчунин, мафҳум, принсипҳо ва критерияҳои андозаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, тамоюли рушди онҳо, самаранокии фаъолият, рушди муносибатҳои ҳамгироӣ, ҷоринамоии технологияи инноватсионӣ ва самтҳои дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушд дар корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳлил ва пешниҳод карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ, илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар давраи солҳои 2019-2025 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда дар раванди ташаккул ва такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро чунин хулоса намудан мумкин аст:

- тавсияҳо оид ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна бо дарназардошти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии коркардшаванда ва иқтидори иқтисодӣ;

- ҷузъҳои алоҳидаи навовариҳои илмӣ-методӣ дар ҷараёни таълими фанҳои ташкили фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ, молия ва қарз дар КАС, иқтисодиёти КАС ва рақамикунонии иқтисодиёт, ташкили истеҳсолоти кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар гурӯҳҳои таълимӣ истифода карда мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дар ҳаҷми умумии 1,9 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии натиҷаи кори конфронсҳои илмӣ-амалӣ, байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ 10 мақола, дар ҳаҷми 2,5 ҷузъи чопӣ дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори кор. Дисертатсия дар ҳаҷми умумии 184 саҳифа таҳия карда шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯйи сарчашмаҳои истифодашуда, дар ҳаҷми 200 номгӯй иборат аст. Дар он 36 ҷадвал ва 12 расм ҷойгир карда шудааст.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз натиҷаи таҳқиқоти бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ-методологии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» моҳияти илмии муайянкунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҷойгиркунӣ, принсипҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи андозаи корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мулоҳизаронӣ оид ба паҳлуҳои назариявӣ ва нақши корхонаҳои хурд дар иқтисодиёт аз солҳои 1900 оғоз гардидааст. Олим-иқтисоддон Й.А. Шумпетер ширкатҳои хурдро ҳамчун «Ҷойи тамаркузи инноватсия ва тағйирёбиҳои ба низоми иқтисодиёт шомилшаванда» [77] мавриди баррасӣ қарор дода буд. Аммо, ӯ дар соли 1942 қайд намуд: «Чунин далелро ба назар гирифтан зарур аст, ки корхонаҳои калон ба муҳаррики нисбатан пурқуввати прогресс табдил ёфтаанд» [59]. Тағйирёбии мавқеи ӯро метавон аз лиҳози назарияи мавҷҳои тулонии чорум (1930-1975) шарҳ дод, чунки дар ҳамин вақт азхудкунии истеҳсолоти оммавӣ сабаби калонкунии корхонаҳо гардид. Ӯ дар оғози асри XX чунин изҳор намудааст: «Ширкатҳои бузурги инҳисории иқтидори нисбатан калони илмӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ бо гузашти вақт корхонаҳои хурдро ба коми худ мекашанд» [77]. Дар ин давра аксари олимон корхонаҳои калонро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёт арзёбӣ менамуданд.

Баъдтар бо шиддат гирифтани тамоюлоти буҳронӣ (1970-1980) коҳиш ёфтани самаранокии корхонаҳои калон ба амал омад. Ҳангоми зиёд гардидани талабот ба маҳсулоти оммавии саноатӣ, ки дар асоси технологияи мавҷи тулонии чорум истеҳсол мешуданд аз истеҳсолоти оммавӣ ба истеҳсолоти фардӣ гузаштан таъкид карда мешуд. Унсури зикрёфта ба қавӣ гардидани бахши корхонаҳои хурд мусоидат намуд, чунки он нисбатан самаранок буда, ба шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт ва талаботи истеъмолкунандагон ба таври фаврӣ қобилияти мутобиқшавиро дорад.

Ин нуқтаро олим-иқтисодшинос В.Е. Дементьев низ тасдиқ намуда, чунин изҳор намудааст: «Дар аввали солҳои 1970-ум дар ИМА тезиси «хурд - хуб» эълон карда шуд. Давоми солҳои 1970-1980-ум дар ИМА дар натиҷаи шиддатёбии фишор аз тарафи рақибони хориҷӣ суст гардидани корхонаҳои калон дар соҳаҳои металлургияи сиёҳ, автомобилбарорӣ ва саноати нассоҷӣ ба амал омад. Ва баръакс, аз ҳисоби афзуншавии нақши бахши хизматрасонӣ дар иқтисодиёти ИМА мавқеи корхонаҳои хурд мустаҳкам гардид» [21, С. 11].

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар солҳои 70-80-уми асри XX баҳогузории нақши корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисодиёт ба таври қатъӣ тағйир ёфт. Новобаста аз афзоиши иттиҳодияҳои бузург, баъзе маълумоти

оморӣ зиёдгардии миқдор ва натиҷаҳои иқтисодии корхонаҳои хурдро нишон медоданд.

Муаллиф изҳор менамояд, ки дар даҳсолаи охир аз тарафи таҳқиқгарони ватанӣ мафҳуми соҳибкории хурду миёна вобаста ба соҳаҳои гуногун васеътар шарҳ дода шудааст. Чунончи З. Х. Лолаев иброз медорад: «Корхонаҳои саноатии хурду миёна барои тезондани саноатикунонии иқтисодиёт, зиёд кардани шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани дараҷаи сарчашмаи андоз, афзоиши ММД ва гирифтани бисёр дигар имтиёзҳои иҷтимоию иқтисодӣ иқтидори калон доранд» [33, С. 10].

Тибқи ақидаи Қ. К. Толибов: «Соҳибкории хурд - ин фаъолияти иқтисодии шаҳрвандони инфиродӣ ва корхонаҳо мебошад, ки бо як ё якчанд меъёри мушаххас тавсиф карда мешавад» [67, С. 9]. Толибов Қ.К. соҳибкории хурдро танҳо фаъолияти инфиродии шаҳрвандон ва корхонаҳо маънидод намудааст, ки ба андешаи мо фаъолияти корхонаҳои хурдро бисёр маҳдуд нишон додааст.

Ф.Ҳ. Самадзода баён медорад: «Соҳибкории хурду миёна яке аз зерсистемаҳои муҳимми иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки ин масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳаллу фасл менамояд. Корхонаҳои хурду миёна дар он соҳаҳое, ки барои тағйирпазирию рушд ва самаранокӣ эҳтиёҷ доранд, мақоми назаррасро ишғол мекунанд» [56, С. 84-88]. Ӯ нақши корхонаҳои хурду миёнаро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-истисодӣ назаррас арзёбӣ намуда, мавқеи онро дар соҳаҳои рушднакарда зарурӣ мешуморад. Ба андешаи мо ҷойгоҳи корхонаҳои хурду миёна на танҳо дар соҳаҳои рушднакарда, балки дар соҳаҳои рӯ ба рушд ва тараққикарда низ қобили таваҷҷуҳ аст.

Мувофиқи ақидаи С.Ҳ. Ҳикматов: «Соҳибкории хурд дар афзоиши ММД, таъмини даромади буҷети давлат, таъмин намудани ҷойи корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар нақши муҳим мебозад» [71, С.105], ки ӯ дар ин ҷо бештар ба нақши соҳибкории хурд таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Олим-иқтисоддон А. Рауфӣ баён менамояд: «Соҳибкорони инфиродӣ ва хурд ҳаҷман иқтидори калони истеҳсолӣ надоранд ва талаботи ҳар истеъмолкунанда ва ё гурӯҳи муайяни мизоҷонро ба назар гирифта, вобаста ба тағйирёбии дархостҳои истеъмолкунандагон онҳо бо тезӣ, бо хароҷоти камтарин ва бо таваккали хеле камҷараён истеҳсолоти худро аз ҷиҳати техникӣ, арзишӣ ва ташкилӣ бе душворӣ мувофиқан дигаргун карда, маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири ба дархостҳои истеъмолкунандагон мувофиққунандаро дар вақти даркорӣ бароварда, пешниҳод карда метавонанд» [54, С. 52]. Мо, қисман андешаи А. Рауфӣ-ро ҷонибдорӣ менамоем, чунки КХМ гарчанде аз лиҳози ҳаҷм тавоноии истеҳсолии маҳдуд дошта бошанд ҳам, аммо зуд эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро ба маҳсулот ва хизматрасонӣ қонеъ менамоянд.

Ш.Н. Намозализода чунин иброз медорад: «Корхонаҳои хурд ҳамчун механизми таъминкунандаи талабот ва пешниҳод мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ба шароити тағйирёбандаи бозор вокуниш нишон дода, заминаҳои рушди рақобати воқеии иқтисодиро фароҳам меоранд ва

истеҳсолоти фавриро ба роҳ монда, бозорро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин мекунанд. Омили муҳимми фаъолияти онҳо, сармояи худӣ ба ҳисоб рафта, барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ ва гардиши маҳсулот нақши муҳимро мебозад» [42, С. 190-197]. Хусусияти фарқкунандаи андешаи Ш.Н. Намозализода дар он аст, ки ӯ корхонаҳои хурдро ҳамчун заминаи рушди рақобати воқеӣ дониста, бо истеҳсолоти босуръат зуд бозорро таъмин ва омили муҳимми фаъолияти истеҳсоливу гардиши маҳсулотро дар онҳо сармояи худӣ медонад.

Муаллиф иброз менамояд, ки рушди корхонаҳои хурду миёна боиси он гардид, ки он имрӯзҳо дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, инноватсионӣ ва минтақавӣ таъсири бисёрҷанба расонида, ба қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст.

Дар кори диссертатсионӣ пеш аз ҳама корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун як ҷузъи соҳибкории хурду миёна баррасӣ гардида, мафҳуми «корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» бо критерияҳои маҷмуӣ ҷудо карда шудааст.

Муаллиф иброз менамояд: «Корхонаҳои хурду миёна–як навъ фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ буда, андозаи он вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайяншуда, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи дилхоҳ фаъолият менамояд».

Муаллиф асоснок намудааст, ки пешниҳоди мафҳуми ягона оид ба корхонаҳои хурду миёна вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт ва бо нишондиҳандаҳои маҷмуӣ ҷудо намудани онҳо аз корхонаҳои калон имконият медиҳад, ки идоракунӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардониҳои давлатӣ, таҳлил ва баҳодиҳии самаранокӣ ва дар умум, нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ дақиқ муайян карда шавад.

Ба андешаи муаллифи кори диссертатсионӣ рушди низоми иқтисодӣ дар шароити рақобати озод бештари вақт асосноккунии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, меъёрҳо ва усулҳоеро тақозо менамояд, ки на фақат аз рӯйи сатҳ, андоза ва шаклҳои моликият, балки аз ҳаҷми корхона вобастагии зиёд доранд.

Бинобар ин, ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа, такмили ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, принсипҳо ва критерияҳои нави муайянкунандаи андозаи корхона муҳим мебошад.

Академик Ҷ.С. Пиризода ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзиро мавриди таҳқиқ қарор дода иброз менамояд: «Дар якҷоягӣ ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард ба камшавии талафоти маҳсулоти кишоварзӣ ва харочоти расонидан то ба истеъмолкунанда мусоидат менамояд. Ӯ қонуниятҳои ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро чунин муайян намудааст:

- маҳсулоте, ки ҳангоми коркард вазнашон ба таври назаррас кам мешаванд, бояд дар наздикии истеҳсолот коркард шаванд ва

маҳсулоте, ки дар вақти коркард андаке кам мешванд, дар ҷойҳое коркард шаванд, ки захираҳои меҳнатӣ ва энергетикӣ зиёд бошанд;

- бо дарназардошти камшавӣ ҳангоми коркард бояд харочоти нақлиётии интиқоли ашёи хом ва маҳсулоти тайёр муқоиса карда шавад;
- баъзе ашёи хоми зудвайроншаванда (мева, буттамева, сабзавот ва ғайра) бояд ҳар чи зудтар коркард карда шаванд, ки ин зарурияти ҷойгир намудани корхонаҳои коркардро дар наздикии истеҳсолот ба миён меорад» [48, С. 10-12].

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ таъкид намудааст, ки мушкилоти методологӣ дар ин самт хусусияти дуҷонибаи мафҳуми «ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» мебошад. Аз як ҷониб ин раванд ба ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақа бо дарназардошти шароит ва омилҳои табиӣ - географӣ, демографӣ, техникӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иртибот дошта, аз тарафи дигар ҷойгиркунии корхонаҳои коркард ба омилҳои ашёи хом (истеҳсолоти кишоварзӣ), бозори истеъмолӣ (талабот), логистикӣ, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, энергетикӣ, рақобат, ифрасохтор, иқтидори илмӣ - техникӣ, ташкилӣ - идоракунӣ ва андозаи корхона алоқаманд аст. Ҳамчунин, ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун шарти асосноккунии самаранокии иқтисодиро дар минтақаи муайян таъмин ва дар натиҷаи ҳамкории муносиб ба густариши занҷираи «истеҳсол-коркард-фурӯш»-и маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар ин самт муаллиф зарур мешуморад, ки таъсис ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо дарназардошти иқтидори истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ, талаботи истеъмолкунандагон, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, ифрасохтор, иқтидори илмӣ-техникӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва экологӣ ба камшавии талафоти маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ мусоидат намуда, гирифтани фоидаи бештарро таъмин менамояд.

Омили муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа қонуниятҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва доимӣ афзуншавии ҳосилнокии меҳнат маҳсуб меёбад. Инҳо ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна қонунҳои умумии усули истеҳсолот ба ҳисоб рафта, ба таври қонуниятҳо инъикос меёбанд.

Қонуниятҳои ҷойгиркунӣ заминаи объективии принсипҳои ташкили корхонаҳои хурду миёнаро ифода менамояд. Принсипҳо ҳамчун пояи асосии фаъолияти давлат ҷиҳати таъсиси субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқи қонунҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад. Ҳар як принсип як хусусиятҳои хоси қонунро инъикос мекунад ва ҷамъан онҳо талаботи қонунҳои иқтисодиро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайян менамоянд.

Аммо, ба ақидаи муаллиф принсипҳое, ки дар қонунгузории бахши соҳибкорӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: риоя ва иҷрои дақиқ, якхела ва ҳатмии талаботи қонунгузорӣ (қонуният), шаффофият,

баробарҳуқуқӣ ва иштирок дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои умумии субъектҳои хоҷагидориро таҷассум менамоянд. Онҳо бештар хоси тамоми навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ буда, дар он хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои хурду миёна кам ба инобат гирифта шудааст.

Расми 1. - Принсипҳои фаъолияти корхонаҳои хурду миёна

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ* [28 ва 17].

Аз ин лиҳоз, муаллиф дар рафти омӯзиши ин масъала таҳқиқоти профессор В.Я. Горфинкелро мавриди истифода қарор додааст, чунки ӯ принсипҳои фаъолияти соҳибкориро возеҳ шарҳ дода, принсипҳоеро пешниҳод намудааст, ки бештар хоси фаъолияти корхонаҳои хурду миёна буда, онҳо «чун қоида бояд ҳам аз ҷониби соҳибкор ва ҳам ҳокимияти давлатӣ ҳатман риоя карда шаванд» [17, 39-60].

Яке аз принсипҳое, ки В.Я. Горфинкел пешниҳод намудааст: «Фурсати дуюм барои соҳибкорони поквиҷдони муфлисшуда» мебошад, ки аксаран

хоси корхонаҳои хурду миёна буда, баҳри танзим ва мусоидат барои рушди соҳибкории хурду миёна низоми мусоидро фароҳам месозад» [17, 39-60]. Ба андешаи муаллиф, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон таъсиси корхонаҳои нав аз як тараф муаммо бошад, аз тарафи дигар муфлисшавӣ ё барҳамхӯрии корхонаҳо мушкилоти дигар мебошад. Бинобар ин, аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ки дастгирӣ ва ҳимояи соҳибкорони поквичдони муфлисгашта аз ҷониби давлат бо роҳи тадбиқ ва амалигардонии принсипи «Фурсати дуюм» мувофиқи мақсад мебошад.

Вобаста ба муаммоҳои мавҷудаи соҳа ва бартарафсозии он муаллиф зарур шуморидааст, ки принсипҳои зерин: идоракунии мутамарказ, мувозинатии ҷойгиркунӣ, тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм дар қонунгузории соҳаи соҳибкории хурд муайян ва дар амал татбиқ карда шаванд.

Принсипи идоракунии мутамарказ - дар ҳалли масъалаҳои муҳимми стратегӣ бо ёрии иштироки васеи субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷойгиркунӣ нақши муассир мегузорад. Аҳаммияти ин принсип дар он аст, ки ҳуқуқу уҳдадории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии ин бахши иқтисодиёт дақиқ ва пайваста васеъ карда шуда, нақши коллективҳои меҳнатӣ дар ҳалли масъалаи рушди корхона зиёд карда мешавад.

Муаллиф, яке аз муаммоҳои мавҷудаи корхонаҳои хурду миёнаро дар мавҷуд набудани идоракунии мутамарказ арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ, вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар идоракунии корхонаҳои хурду миёна мушаххас нестанд. Бинобар ин, дар сатҳи қонунгузории соҳа ҷорӣ ва дар амал тадбиқ намудани принсипи идоракунии мутамарказ муҳим мебошад. Тадбиқи принписи мазкур имконият медиҳад, ки масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ бештар гардида, ҷиҳати рушди ин бахши муҳимми иқтисодиёт омили мусоидаткунанда мегардад.

Принсипи мувозинатии ҷойгиркунӣ моҳиятан дар дуруст ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна вобаста ба истеҳсолу истеъмол ва мавҷудияти ҳама захираҳо ба монанди: ҳаҷми ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои табиӣ, маблағгузориву сармоягузорӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва ғайраро ифода менамояд.

Принсипи тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм. «Таҳлили иқтисодӣ ва дастгирии рушди бахши корхонаҳои хурду миёна муайянкунии возеҳи сарҳади онҳоро тақозо менамоянд. Бо ин мақсад дар ҳар як мамлакат мақомоти оммавии идоракуни меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии ба корхонаи хурду миёна мансуб донистани корхонаро тасдиқ мекунанд, ки ин ҷанбаи мусбат ва манфӣ дорад» [44, с. 126].

Дар бештари ҳолат барои муайян намудани сарҳади андозаи корхона як ва ё ду нишондиҳанда истифода карда мешавад. Барои ҷудо намудани андозаи корхонаҳо истифодаи «критерияҳои маҷмуӣ» мувофиқи мақсад мебошад. Критерияҳои маҷмуи бо дарназардошти объекти идоракунӣ ва вазифаҳои субъекти идоракунанда ба миқдорӣ, сифатӣ, арзишӣ ва ғайриарзишӣ тасниф карда шуда, ҷиҳати ҷудокунии корхонаҳои хурду миёна аз дигар корхонаҳо шумораи кормандон, дороиҳои корхона ва

сифати он, иқтидор ва ҳаҷми истифодаи он, даромади умумӣ, дараҷаи вобастагӣ, сармояи оинномавӣ ва сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ ҳамун критерияҳои асосӣ қабул карда шаванд (расми 2.).



Расми 2.-Критерияҳои маҷмуии муайянкунандаи андозаи корхона вобаста ба раванди идоракунӣ

Манбаъ: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ [15 ва 19]*

Ҳамчунин, дар тадқиқот қайд гардидааст, ки роҳбари корхона дар бештари ҳолат барои кам пардохт намудани андоз шумораи кормандон ва даромади умумиашро кам ва баръакс дар вақти гирифтани қарз арзиши дороиҳояшро зиёд нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, критерияҳои маҷмуӣ имконият медиҳад, ки андозаи корхона дақиқ муайян карда, дар ҳолати пинҳон кардани як нишондиҳанда критерияҳои дигар тағйир меёбад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт андозаи корхонаҳои агросаноатиро бо критерияҳои арзишӣ (молиявӣ), ғайриарзишӣ ва сифатии марбут ба соҳаҳо ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад (ҷадвали 1.).

Меъёрҳои миқдории дар сатҳи давлатӣ ва миллӣ муқарраргардида барои ҳамон қалamрав ҳадди аксар мебошанд. Аз ин рӯ, муносибати мавзун истифода мешавад: сарҳади миқдорӣ ва сифатии бахши корхонаҳои хурду миёна метавонанд дар қонунгузорӣ ва асноди сиёсии мамлакат ё минтақаи мушаххас ба таври гуногун муайян шуда бошанд.

Ба ақидаи муаллифи кори диссертатсионӣ таъсис ва ташаккули хоҷагидории шартномавӣ байни истеҳсол ва коркардкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ, инчунин рушди истеҳсолот бо роҳи марказияти

минтақавӣ омили муҳимми рушди корхонаҳои КАС маҳсуб ёфта, ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф дар минтақаҳои кишвар сохторҳои ҳамгирошудаи корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли хӯрокворӣ ва бозори фурӯш ташкил ва татбиқи муҳити виртуалӣ дар он лозим аст.

Ҷадвали 1. - Андозаи корхонаҳои агросаноатӣ вобаста ба критерияҳои миқдорӣ ва сифатӣ

Критерия		Хурд	Миёна	Калон
1. КИШОВАРЗӢ				
Миқдорӣ, Арзишӣ (молиявӣ)	Миқдори замин	То 10 га	Зиёда аз 10 га то 50 га	Зиёда аз 50 га
	Арзиши дороиҳо	То 200 ҳаз.сомонӣ	То 500 ҳаз.сомонӣ	Зиёда аз 500 ҳаз.сомонӣ
	Даромади солона	То 500 ҳаз.сомонӣ	То 1 млн.сомонӣ	Зиёда аз 1 млн.сомонӣ
Ғайриарзишӣ	Шумораи кормандон	1-9 нафар	10-50 нафар	Зиёда аз 50 нафар
Сифатӣ	Сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ	Бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ	Бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ	Иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо)
	Дараҷаи вобастагӣ ва сифати дороиҳо, яъне коэффитсиенти вобастагии молиявӣ	То 0,5	То 0,4	На зиёда аз 0,3
2. САНОАТ				
Миқдорӣ, Арзишӣ (молиявӣ)	Сармояи оинномавӣ	Аз 100 то 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо	Зиёда аз 300 то 500 нишонди-ҳанда барои ҳисобҳо	Зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
	Арзиши дороиҳо	То 500 ҳаз.сомонӣ	То 1 млн. сомонӣ	Зиёда аз 1 млн.сомонӣ
	Даромади солона	То 1 млн.сомонӣ	То 10 млн.сомонӣ	Зиёда аз 10 млн.сомонӣ
Ғайриарзишӣ	Шумораи кормандон	5-20 нафар	Зиёда аз 20 то 100 нафар	Зиёда аз 100 нафар
Сифатӣ	Сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ	Кооперативи тиҷоратӣ	ҶСП	ҶСК
	Дараҷаи вобастагӣ ва сифати дороиҳо, яъне коэффитсиенти вобастагии молиявӣ	То 0,3	То 0,2	На зиёда аз 0,1

Манбаъ: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ*

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори алоҳидаи дастгирии соҳибкории хурду миёна таъсис дода, фаъолияти раёсат ва ё шуъбаҳои он дар сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо роҳандозӣ ва ташкили Фондҳои махсуси дастгирии соҳибкорӣ дар сохтори он муҳим мебошад.

Ташаккули механизми дастгирии молиявии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ тавиф ёфтааст:

- қарздиҳии имтиёзнок-ҷуброни фарқияти марбутаи байни корхонаҳои хурду миёна ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби Фондҳои дастгирии соҳибкории хурд. Ба фондҳои мазкур вобастагии уҳдадории ҷуброн

намудан даромаде, ки ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби корхонаҳои хурду миёна ба даст наовардааст;

- имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои хурду миёна, ки ба истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, яъне озод намудан аз пардохти тамоми андозҳо - корхонаҳои хурд аз аввали таъсисдиҳӣ то 3 сол, ҳангоми гузаштан ба корхонаҳои миёна то 2 сол ва гузаштан ба корхонаи калон то 1 сол;

- таъсиси «Фонди суғуртаи корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ» ва навъи суғуртае, ки мувофиқи шартнома ташкилоти суғуртавӣ даромади ба даст наовардаи соҳибкорро пурра ё қисман пардохт намояд.

Дар боби дуюм - «Таҳлили ҳолати муосири рушди истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва баҳодиҳии иқтидори ҷойгиркунии корхонаҳои коркард», таҳлили динамикии ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳодиҳии сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ гузаронида шуда, иқтидори иқтисодии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муайяну мушаххас карда шудаанд.

Дар шароити имрӯзаи водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, бахусус дар бахши коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти махсус пайдо карда, яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ гашта истодааст. Маҳз корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дорои захираҳои ашёи хоми фаровон буда, сармоягузориҳои бузургро талаб намекунанд ва аз ҳисоби суръати баланди гардиши захираҳо қодиранд ҳар чи бештар маҳсулоти истеъмолӣ истеҳсол намуда, мушкилии таъмини амнияти озуқавориро дар ҷумҳурӣ зудтар ва сарфакорона ҳал намоянд.

Муаллиф таъкид намудааст, ки саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ маҳсуб ёфта, ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар наздикии ашёи хом ва дар ин замина коркарди маҳсулоти кишоварзӣ асоси саноатикунонии аграрӣ мебошад. Ин омил метавонад аз як ҷиҳат пеши роҳи талафёбии маҳсулоти кишоварзиро гирад ва аз тарафи дигар деҳқононро ҷиҳати истеҳсоли ҳар чи бештари маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасманд намояд.

Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки «56%-и субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакат ба соҳаи кишоварзӣ мансуб буда, зиёда аз 90 %-и истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ бевосита аз ҳисоби бахши хусусӣ таъмин гардида, 570,7 ҳазор нафар ё 44,7%-и шахсони машғули кор дар иқтисодиёт ва қариб 25%-и ММД ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд» [12, с. 22, 82].

Соҳаи дигаре, ки бевосита ҳиссаи он дар ММД назаррас аст, ин соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. Ин соҳаи муҳим дар соли 2024 ба андозаи 25,9 млрд. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки ҳиссаи он дар ММД ба 16,8% расид. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳиссаи ин ду соҳаи муҳим, яъне агросаноат дар ММД 40-45%-ро ташкил медиҳад.

Таҳлили хусусиятҳои фаъолияти бахши аграрӣ ва тамоюли рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор имконият медиҳад, ки муқаррароти илмӣ, методӣ ва амалии беҳтар намудани ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати саноатикунонии кишоварзӣ илман асоснок карда шавад. Муаллиф коркарди ибтидоӣ ва ниҳоии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводориро ҷиҳати пешгирии талафоти он ва дар умум ба ҳалли мушкилоти саноатикунонии кишоварзӣ аҳаммиятнок арзёбӣ намудааст.

Дар давоми солҳои 2020-2024 ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ (ба истиснои пахта) ва маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар водии Ҳисор, бинобар сабаби мавҷудияти шароити созгори иқтисодӣ-иқлимӣ мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Муаллиф иброз медорад, ки барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии он ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ниҳоии ватанӣ аз истифодаи оқилонаи заминҳои кишт ва афзоиши масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад (ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2.-Динамикаи майдони кишти зироатҳои асосии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, (га)

Намуди зироатҳо	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ғалладона ва лӯбиёгӣ *(якҷоя бо ҷуворимакка)*	62413	62154	58414	58722	57194	91,6
Шолӣ	1380	1566	1678	1906	1675	121,4
Пахта	3074	2840	2689	2010	1723	56,1
Зағир	6704	6732	5991	5948	5400	80,5
Картошка	5451	5665	5679	5181	6950	127,5
Сабзавот	13720	14224	13511	15263	13939	101,6
Полизӣ	817	925	917	823	856	104,8
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	23362	23832	24384	25271	26000	111,3
Токзор	13570	13660	13633	13674	13521	99,6

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2025» [26, С. 71-124].

Тавре, аз маълумоти ҷадвали 2 ба мушоҳида мерасад дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 ба истиснои майдони кишти ғалладона ва лӯбиёгӣ (якҷоя бо ҷуворимакка), пахта, зағир ва токзор, боқимонда масоҳати майдони кишти зироатҳо дар водии Ҳисор васеъ гардидааст.

Суръати нисбатан баланди васеъкунии майдони кишти картошка 27,5%, шолӣ 21,4%, мева ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ) 11,3%, полизӣ 4,8% ва сабзавот 1,6%-ро ташкил медиҳад. Аммо масоҳати кишти яке аз зироатҳои стратегии кишвар – пахта дар хоҷагиҳои водии Ҳисор 1351 га ё 43,9% кам шудааст.

Ҳамин гуна майдони кишти ғалладона ва лӯбиёгӣ (якҷоя бо ҷуворимакка) 5219 га (8,4%), зағир 1304 га, (19,5%) ва токзор 49 га (0,4%) кам шудааст. Сабаби камшавии майдони кишти ғалладонагиҳо ва зағир таъсири омилҳои агротехникӣ, махсусан киштгардон маҳсуб ёфта, камшавии майдони токзор ба тағйир додани самти истифодаи замин, васеъшавии маҳалҳои аҳолинишин, сохтмони роҳҳо, бунёди корхонаҳо ва

дигар иншоот ва самаранокии нисбатан пасти иқтисодии парвариши токзор дар баъзе хоҷагиҳои водӣ бо сабаби норасоии анборҳои нигоҳдорӣ ва кам будани корхонаҳои коркарди ангур алоқамандӣ дорад.

Камшавии майдони кишти пахта бошад, ба сатҳи пасти ҳавасмандии иқтисодии пахтакорон рабт дорад. Зеро қисми бештари пахтае, ки дар водӣ истеҳсол мешавад, танҳо коркарди ибтидоӣ шуда миёнаравҳо аз деҳқонон бо арзиши нисбатан паст харидорӣ ва ба хориҷи кишвар содирот менамоянд. Аз ин рӯ, муаллиф зарур мешуморад, ки дар водӣ ҷиҳати рушди истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ, махсусан пахта майдонҳои киштзорҳо самаранок истифода ва баҳри зиёд намудани киштзорҳои кишоварзӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва обёрикунии заминҳои талу теппаҳо муҳим аст, зеро омили таъсиргузор ба ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ маҳз масоҳати кишт ба ҳисоб меравад.

Муаллиф изҳор намудааст, ки шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонад, зеро ҳиссаи онҳо дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ гуногун ба назар мерасад. Сабаби чунин гуногунӣ, албатта мансубияти масоҳати кишт вобаста ба шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Бо ҳамин сабаб, муаллиф зарур шуморидааст, ки тамоюли майдони кишти зироатҳои кишоварзиро вобаста ба шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ду соли охир мавриди таҳлил қарор диҳад.

Ҷадвали 3-Динамикаи майдони кишт аз рӯйи шаклҳои хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2023-2024, (га)

Зироатҳои кишоварзӣ	Солҳо							
	2023				2024			
	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагии аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагии аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ
Ғалладона ва лӯбиёгӣ *(якҷоя бо ҷуворимакка)*	11328	15018	32376	58722	13158	13609	30427	57194
Шолӣ	323	846	737	1906	430	657	588	1675
Пахта	1181	0	829	2010	1071	0	652	1723
Зағир	1073	1303	3572	5948	1365	1046	2989	5400
Картошка	411	3223	1547	5181	527	3319	3104	6950
Сабзавот	693	6029	8541	15263	1212	6330	6397	13939
Полизӣ	89	210	524	823	141	138	577	856
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	5465	6556	13250	25271	5534	7603	12863	26000
Токзор	3271	2698	7705	13674	3728	2910	6883	13521

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2025» [26, С. 71-127].

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 дида мешавад, ки зиёда аз 60%-и майдонҳои кишти пахта ва зиёда аз 20-25%-и токзорҳо дар водӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ тааллуқ дорад. Мавқеи хоҷагиҳои аҳолӣ дар истифодаи заминҳои ғалладона ва лӯбиёгӣ (зиёда аз 20-25%), шолӣ (зиёда

аз 40-45%), картошка ва сабзавот (40-60%), мева ва буттамева (25-30%) ва токзорҳо (зиёда аз 15-20%) ба назар мерасад. Қисми бештари майдонҳои зироатҳои кишоварзӣ, яъне наздик ба 30%-и киштзорҳои картошка дар соли 2023 то ба 75%-и майдони зироатҳои полизӣ дар соли 2024 дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор дорад.

Муаллиф аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 3 хулосабарорӣ намуда, қайд менамояд, ки ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад, зеро дар онҳо технологияи парвариш, тадбирҳои агрохимиявӣ ва коркарди хок, сатҳи механиконӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, ҳамчунин истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар истеҳсолот аз ҳам тафовут дошта, имконияти корхонаҳои кишоварзӣ дар ин самт бештар мебошад.

Аммо таҳлилҳо нишон доданд, ки аксари киштзорҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои аҳолӣ қарор дорад.

Солҳои охир бештари муҳаққиқони дар ин самт таҳқиқот анҷом дода интегратсияи хоҷагиҳои аҳолӣ ва ё хоҷагиҳои деҳқониро дар шакли корхонаҳои кишоварзӣ ё баъзан бозгашт ба колхоз ва совхозҳои даврони Шуравиро омили муҳимми ташаккули истеҳсолоти кишоварзӣ меҳисобанд. Аммо, муаллиф ба ин фикр қисман розӣ нашуда иброз менамояд, ки давоми 30-35 соли охир деҳқонон худро соҳиби замин медонанд ва дар истеҳсол, фурӯш ва гирифтани фоида мустақил буда, ба худидоракунӣ одат кардаанд.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи муаллиф зарур аст, ҳамгироии фаъолияти шаклҳои хоҷагидориро дар кишоварзӣ ба натиҷаи фаъолияти онҳо, яъне маҳсулоти истеҳсолнамудаашон бо ташкили бештари ҷойҳои нигоҳдорӣ ва сардхонаҳо, ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ дар наздикии ашёи хом, ташкили нуқтаҳои мустақиман ба истеъмолкунанда фурӯхтани маҳсулот, ки гирифтани даромади бештарро ба деҳқонон таъмин намуда метавонанд, роҳандозӣ карда шавад. Зеро, тамоюли ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар водии Ҳисор давоми солҳои 2020-2024 нишон медиҳад, ки дар ҳама намуди зироатҳо зиёдшавии ҳосил ба назар мерасад.

Ҷадвали 4.-Динамикаи ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, тонна

Намуди зироатҳо	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ғалладона ва лӯбиёгӣ	196730	198613	216359	229495	239923	122,0
Гандум	108467	108984	117050	119010	121669	112,2
Ҷуворимакка барои дон	41321	45241	46750	50954	52682	127,5
Шолӣ	22591	24331	25324	32004	35269	156,1
Пахта	6187	6194	6222	4679	2808	45,4
Зағир	4676	4795	4903	5660	5366	114,8
Картошка	71839	75975	75327	73105	83716	116,5
Сабзавот	413165	441003	423682	545892	520194	125,9
Полизӣ	16031	17625	17232	23773	28907	180,3
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	61524	61803	72314	82622	107303	174,4
Ангур	81071	104289	116046	46476	95160	117,4

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2025» [26, С. 135-180].

Тавре аз маълумоти ҷадвали 4 дида мешавад, ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водӣ тамоюли афзоиш (ба истиснои пахта) дорад. Давоми солҳои таҳқиқшаванда суръати бештари афзоиши истеҳсоли полизӣ 80,3%, мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ) 74,4%, шолӣ 56,1%, ҷуворимакка барои дон 27,5%, сабзавот 25,9%, ғалладона ва лӯбиёгӣ 22,0%, ангур 17,4%, картошка 16,5%, зағир 14,8% ва гандум 12,2% ба назар мерасад. Сабаби тамоюли зиёдшавии ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиёгӣ, зағир ва ангур бо зиёдшавии ҳосилнокии ин зироатҳо дар аксар шаҳру ноҳияҳои водӣ ба амал омада, дар боқимонда зироатҳо зиёдшавии майдони кишт сабаби афзуншавии ҳосили умумӣ гардидааст.

Ҷанбаҳои асосии коркарди маҳсулоти чорводрӣ ин коркарди гӯшт ва шир буда, аз забҳи чорво ва ба қисмҳо ҷудо намудани он, то ба маҳсулоти ниҳоии расонидани шир (қаймоқ, ҷурғот, панир, творог, равғани маска, шири хушк, яхмос ва ғ.) ҳамчунин коркарди пашм ва пӯст ба маҳсулоти нимтайёр ва ниҳоии саноатӣ ба он дохил мешавад.

Ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти чорводорӣ дар минтақа аз саршумори чорво, таносуби модаговҳо дар саршумори умумии чорвои калони шохдор, маҳсулнокии чорво ва паранда ва дар умум аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ вобастагӣ дорад.

Тамоюли афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорво ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар водӣ хулосабарорӣ шавад.

Ҷадвали 5.-Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, тонна

Маҳсулоти чорводорӣ	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Гӯшт *(дар вазни зинда)*	38640	43221	46540	51051	49625	128,4
Шир	154047	155945	158442	165436	163869	106,4
Тухм млн. дона	260042	281218	292916	294324	282916	108,8
Пашм	536	499	520	579	576	107,5
Пилла	21	53	50	26	36	171,4
Асал	513	542	564	601	641	125,0

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2025» [26, С. 282-299].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 5 маълум аст, ки истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар водӣ тамоюли афзоиш дошта, зиёдшавии бештар дар истеҳсоли пилла 71,4%, гӯшт 28,4%, асал 25%, тухм 8,8%, пашм 7,5% ва шир 6,4% ба назар мерасад. Ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ саршумори чорво ва маҳсулнокии он таъсир расонидааст. Чуноне ки маълумоти оморӣ нишон медиҳад, маҳсулнокии чорво дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии водии Ҳисор нисбатан паст мебошад.

Масалан, соли 2023 дар хоҷагиҳои шаҳри Турсунзода ширдӯшӣ, ба ҳисоби миёнаи солона аз як сар модагов то ба 5693 кг расонида шудааст, ки ин нишондиҳандаи баландтарин дар давоми ду соли охир дар хоҷагиҳои водӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар дигар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор ин нишондиҳанда гарчанде наздик ба нишондиҳандаи ҷумҳурӣ бошад ҳам, лекин аз нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ (Исроил 12500-13600 кг, ИМА 11000-12000 кг, Олмон 8500-9200 кг) хеле паст аст. Аз як тараф, ба ин нишондиҳанда шароит ва имкониятҳои водӣ таъсир расонад, аз тарафи дигар зотҳои сермаҳсул, таъмини чорво бо хӯрокаи баландсифат, шароити нигоҳубин, мавсими наслгирӣ ва муҳлати ширдиҳии гӯсолаҳо ба ин нишондиҳанда таъсир мерасонад.

Таҳлили гузаронидашуда оид ба ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки новобаста аз 5,5% коҳиши масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ ҷамъоварии ҳосили шолӣ 3,5 баробар, сабзавот 44,3% полизӣ 88%, меваю буттамевагиҳо ва ангур 24,3% афзоиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз, вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, талафшавии ҳосили ҷамъовардашудаи зироатҳои кишоварзиро кам намуда, сабаби ташаккули арзиши нав (изофашуда) мегардад ва дар умум самаранокии соҳаро баланд ва ҳавасмандии деҳқононро ҷиҳати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасманд менамояд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки зиёда аз 50%-и заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ, 28% дар ихтиёри хоҷагиҳои аҳолӣ ва зиёда 18-20% дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ қарор дорад. Имкониятҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар самти технологияи хуби парвариш, тадбирҳои агрохимиявӣ ва коркарди хок, сатҳи механиконӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот бештар мебошад.

Дар соли 2024 зиёда аз 90-95% чорвои калони шохдор, 70-75% гӯсфанду буз, 20-23% паранда ва зиёда аз 84% оилаи занбӯри асал ба бахши хоҷагиҳои аҳолӣ мансуб аст. Аммо дар хоҷагиҳои аҳолӣ як қатор мушкилот аз қабили мавҷуд набудан ё дар сатҳи паст қарор доштани пойгоҳи хӯроки чорво, сатҳи пасти истифодаи зотҳои дорои маҳсулнокии баланд ва қобилияти репродуктивӣ, беҳсозии генетикӣ, бордоркунии сунъӣ, дараҷаи пасти ҳифзи чорво, номувофиқии шароити нигоҳдорӣ, сатҳи пасти назорати бойторӣ, сатҳи пасти омилҳои ташкилӣ, сатҳи пасти риояи стандартҳои бехатарӣ ва сифат ва сатҳи бениҳоят пасти механикунонии раванди истеҳсолот ҷой дорад. Бинобар ин, дар водии Ҳисор шароити мусоид ва имкониятҳои рушди хоҷагиҳои чорводорӣ бениҳоят васеъ аст, танҳо зарур аст дастгириҳои давлатӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ин бахш такмил дода шавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар водии Ҳисор ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба кам шудани талафоти маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда мусоидат менамояд. Дар натиҷа, вобастагии иқтисодиёти кишвар аз иқтисодиёти хориҷӣ кам гашта,

дар навбати аввал мо метавонем бо ин роҳ маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол намуда, баъдан маҳсулоти ба содирот нигаронидашудаи рақобатпазир истеҳсол намоем.

Муаллиф баҳодиҳии сатҳи коркарди маҳсулоти кишоварзиро ба таҳлили сохтор ва таркиби соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати коркардро аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, таносуби минтақаҳо дар истеҳсоли озуқаворӣ, тамоюли рушди коркарди ашёи хоми кишоварзӣ дар водӣ ва дараҷаи истифодаи иқтидорҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор ҷудо намудааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 6. бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноати коркард дар соли 2024 ба 3241 адад омада расидааст, ки нисбат ба соли 2020 1395 адад ё 75,6% зиёда шудааст. Дар давоми солҳои 2020-2024 корхонаҳои саноати коркард дар ВМКБ 2,6 баробар, вилояти Суғд 85%, вилояти Хатлон 47,2%, шаҳри Душанбе 70,5%, НТҶ 95,5% ва дар водии Ҳисор 83,7% зиёд шудааст.

Шумораи кормандони саноати коркард бошад, давоми солҳои 2020-2024 дар ҷумҳурӣ 5,5 ҳазор нафар ё 9,3% зиёд шудааст, ки ин нишондиҳанда дар ВМКБ 40%, вилояти Суғд 3,5%, вилояти Хатлон 12,3%, шаҳри Душанбе 27,3% ва дар водии Ҳисор 16,9% зиёд шуда, танҳо дар НТҶ 3,7% камшавӣ ба назар мерасад.

Ҷадвали 6. -Динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди корхонаҳои саноати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, солҳои 2020-2024

Минтақаҳои ҷумҳурӣ ва водии Ҳисор	Нишондиҳандаҳо								
	Шумораи корхонаҳо, воҳид			Шумораи кормандон, ҳазор нафар			Ҳаҷми истеҳсол, млн сомонӣ		
	Солҳо			Солҳо			Солҳо		
	2020	2022	2024	2020	2022	2024	2020	2022	2024
Саноати коркард									
ВМКБ	47	73	122	0,5	0,6	0,7	41,9	48,8	71,8
Суғд	594	747	1099	23	22,5	23,8	11588,8	15608,6	17380
Хатлон	460	546	677	13	13,9	14,6	4419,3	6525,2	6994,5
Душанбе	454	559	774	12,1	12,9	15,4	1655,4	2416	3376,1
НТҶ аз он ҷумла:	291	393	569	10,7	10,2	10,3	1348,9	1898,7	2460,8
- водии Ҳисор	571	739	1049	17,2	17,1	20,1	2486,5	3591,2	4453,2
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	***1846***	***2318***	***3241***	***59,3***	***60,1***	***64,8***	***19054,3***	***26497,3***	***30283,2***
аз ҷумла: истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку									
ВМКБ	9	15	32	0,1	0,1	0,2	25,5	24,9	32,2
Суғд	198	245	357	5,7	5,8	6,2	4902,9	7497,5	7414,0
Хатлон	112	124	141	2,1	2,5	2,4	1098	1598,8	2384,9
Душанбе	105	155	218	2,8	3,5	4,2	652,4	898,8	1244,2
НТҶ аз ҷумла:	77	95	108	1,5	1,3	1,3	410,3	362,7	416,8
- водии Ҳисор	145	201	264	4,0	4,2	5,1	881,4	1076,5	1470,2
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	***501***	***634***	***856***	***12,2***	***13,2***	***14,3***	***7089,1***	***10382,7***	***11492,1***

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе солҳои 2021-2025 [58, С. 30-37]. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аммо дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард байни минтақаҳои кишвар таносуби зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Масалан, таҳлили сохтори минтақавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард нишон медиҳад, ки дар соли 2024 саҳми вилояти Суғд дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард 57,4%-ро ташкил дода, мавқеи пешсофро ишғол менамояд. Ҳамзамон, ҳиссаи вилоти Хатлон 23,1%, шаҳри Душанбе 11,1%, НТҶ 8,1% ва саҳми ВМКБ ҳамагӣ 0,2%-ро ташкил менамояд.

Ҳамчунин аз маълумотҳои ҷадвали 6 мушоҳида карда мешавад, ки шумораи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку давоми солҳои таҳлилшаванда 355 адад, шумораи кормандон 2,1 ҳазор нафар ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар онҳо 4403,0 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти саноатии соли 2024 11492,1 млн сомониро маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ташкил медиҳад. Ин нишондиҳада дар корхонаҳои саноати истеҳсоли хӯроквории водии Ҳисор 1470,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбати соли 2020 1,7 баробар зиёд аст. Чунин афзоиш агар аз як тараф қонунияти инкишофи ҷомеа бошад, аз тарафи дигар натиҷаи татбиқи сиёсати саноатикунонии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Муаллиф иброз менамояд, ки гарчанде бештари нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати коркард тамоюли рушд дошта бошанд ҳам, аммо номутаносибии ҷойгиркунии чунин корхонаҳо сабаби кам коркард шудани маҳсулоти кишоварзӣ гардидааст.

Муаллиф аз таҳлили сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор маълум намудааст, ки риоя нашудани принсипи «ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар наздикии ашёи хом» ва мавсимии истеҳсолот сабаби номунтазамии таъминоти корхонаҳои соҳа бо ашёи хом гардида, ҳамчунин куҳнашавии технологияи коркард боис шудааст, ки иқтидори корхонаҳои коркард дар водӣ ба пуррагӣ истифода намешавад. Таъсири омилҳои болозикр сабаби дар сатҳи нокофӣ коркард гардидани маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ маҳсуб меёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав ва Файзобод дар асоси заминаи ашёи хоми кишоварзӣ, шароити мувофиқи табиӣ-иқлимӣ, наздикӣ ба бозори истеъмолӣ, инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ имкониятҳои бештари ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди меваю сабзавот, полизӣ (истеҳсоли афшураҳо, консервакунонӣ, меваи хушк), коркарди ибтидоӣ (бастубанд ва нигоҳдори маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ), коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ (ҷурғот, қаймоқ, панири равғанӣ ва ғ.), коркарди гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, коркарди ангур (мавиз ва мусалласи ангурӣ), коркарди зироатҳои равғандеҳ, коркарди ибтидоӣ ва ниҳоии пӯст ва пашми чорво бештар ба назар мерасад. Махсусан, дар шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода коркарди меваю сабзавот ва ангур хуб ба роҳ монда шудааст.

Таҳлили маҷмуи иқтидорҳо нишон дод, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, дараҷаи рушд, ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзию саноатӣ, самаранокии истифодабарии заминҳои кишт, захираҳои меҳнатӣ ва

дараҷаи тахассуснокӣ, иқтидори инфрасохторӣ ва молиявию сармоягузории шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор нобаробар ташаккул ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дар асоси иқтидори захиравӣ, инноватсионӣ, меҳнатӣ, инфрасохторӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба рушди соҳаи кишоварзию саноат ва дар умум ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Дар боби сеюм - «Роҳҳои асосии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ», рушди муносибатҳои ҳамгироӣ ҳамчун шакли асосии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, технологияи инноватсионӣ-асоси стратегияи рушди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва самтҳои дастгирии давлатӣ корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар шароити муосир такмил ва рушди муносибатҳои ҳамгирошуда байни корхонаҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ варианти муносиби стратегияи рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, барои ҳавасманд намудани фаъолияти ҳамаи корхонаҳои соҳа ва тайёр кардани онҳо ба қоидаҳои низоми муттаҳидшуда чораҳои муҳим андешидан лозим аст.

Ба ақидаи муаллиф василаи қиёсан самараноки ташкил ва рушди пойдори корхонаҳои КАС дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ– модели якҷояшудаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, анборҳои нигоҳдорӣ ва сардхонаҳо, корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва сохтори фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ-мағозаҳои фурӯши фирмавӣ, инчунин дигар сохтору муассисаҳое мебошанд, ки бевосита ё бавосита ба рушди КАС-и водӣ ҳиссаи назаррас доранд (расми 3.).

Бо мақсади рушди устувори маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии онҳо, ташаккули самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, тақвияти афзалиятҳои рақобатӣ, инчунин ҷустуҷӯйи роҳҳои фурӯш дар бозорҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дохилӣ зарур аст, ки маҷмуи қарорҳои ҷорӣ ва дарозмуддат таҳия ва қабул карда шаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои фаъолияти устувори иҷтимоӣ-иқтисодии КАС тақвияти афзалиятҳои рақобатпазирии миллӣ, яъне таҳкими раванди ҳамгироии зесохторҳои КАС қобили қабул аст. Ин ба фароҳамсозии чунин имкониятҳо мусоидат мекунад:

- ✓ якум, раванди фаъолияти инноватсионии тарзи хоҷагидорӣ тақвият меёбад;
- ✓ дуюм, барномаи минтақавии рушди маҷмуавии низоми ҳамгироии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳия мегардад;
- ✓ сеюм, ҷиҳати густариши рақобатпазирии маҳсулот ташаббуси мақомоти идоракунии давлатӣ, соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ муттаҳид карда мешаванд.



Расми 3.-Модели маҷмааи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ
Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ* [2, 10, 20 ва 23]

Аз ин лиҳоз, мақсаднокии иқтисодии ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатӣ ба мавзунии корҳои банақшагирии истеҳсолот ва коркарди маҳсулот, «муттаҳид намудани захираҳои молиявӣ, ташаккули даромади нисбатан калон ҳангоми фурӯши маҳсулоти хубкоркардшуда ва беҳтар намудани сифати он, васеъ кардани бозорҳои фурӯш; кам кардани харочот аз ҳисоби ихтисосмандӣ ва сарфакорӣ дар миқёси истеҳсолот; бонизомии ҳалли вазифаҳои гуногуни истеҳсолӣ, масъалаҳои сиёсати иҷтимоӣ, муҳофизати муҳити атроф асос меёбад» [64, С. 17–25].



Расми 4.-Ҷой ва нақши савдои фирмавӣ
Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ [50, 64]*

Дар ин самт бояд масъалаҳои такмили модели коркарднамудаи ӯ оид ба ҳамкории истеҳсолкунандагони соҳаи КАС бо корхонаҳои савдои чакана ва истеъмолкунандагон тавассути амалисозии чорабиниҳои савдои фирмавӣ муҳим арзёбӣ шаванд (расми 4.).

Нақши ҳамгиросозандаи он дар тақвияти кӯшишҳо, таҳкими савдои чакана ва молистеҳсолкунандагон зоҳир шуда, дар натиҷа хароҷоти логистикӣ ва умумии пулӣ коҳиш ёфта, самаранокии фаъолият баланд мегардад. Усулҳои дар ин раванд татбиқшаванда ба афзоиши талабот мусоидат намуда, харидорони эҳтимолиро ба қабули қарор ҷиҳати анҷом додани харид водор месозанд.

Моҳияти мағозаҳои фурӯши фирмавӣ дар он зоҳир мегардад, ки он имконияти ба низоми ягона муттаҳид намудани «истеҳсол-нигоҳдорӣ-коркард-фурӯш»-ро фароҳам намуда, дар натиҷа самаранокии ҳамгироии ҳамаи иштирокчиёни занҷираи якҷояшударо аз ҳисоби самараи синергетикӣ баланд мебардорад.

Аз ин лиҳоз, корхонаҳоро зарур аст, ки ҳамеша роҳҳои муосири баланд бардоштани самаранокии фаъолиятро, ки метавон аз рӯйи меъёрҳои гуногун баҳогузорӣ кард, ҷустуҷӯ намоянд. Дар мавриде ки самаранокии баланд ҳамчун натиҷаи мувофиққунии ҳадафҳои субъектҳои мухталифи манфиатдор мавриди баррасӣ қарор гирад, дар натиҷаи ҳамгироии онҳо метавонанд вазифаҳои нав, сифат ва механизмҳои кооператсия пайдо шаванд.

Барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, афзоиши номгӯйи молҳо ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои савдо истифодаи модели пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба муносибати байниҳамдигарии иқтисодӣ тавассути ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз афзалиятҳои рушди саноати коркардкунандаи ҷумҳурӣ бояд фаъолгардонии раванди якҷояшавӣ бошад. Дурнамои таъсиси ташкилотҳои якҷояшуда оид ба имконияти ба корпоратсияи бузурги рақобатпазири содиркунандаи сатҳи байналмилалӣ ва ба соҳаи КАС ҷалбкунандаи сармояи хориҷӣ табдил ёфтани ин сохторҳо мусоидат менамояд.

Роҳандозии муносибатҳои ҳамгироӣ дар шакли маҷмааи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун шакли институтсионалии якҷоякунӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои истеҳсолкунандагони ашёи хом, корхонаҳои коркарди саноатӣ ва сохторҳои фурӯш дар доираи занҷираи ягонаи эҷоди арзиши иловашуда баромад намуда, тавассути муттаҳидсозии захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва иттилоотӣ, ташаккули инфрасохтори нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва фурӯши фирмавӣ, инчунин татбиқи механизми мукаммали интегратсионии «истеҳсол-нигоҳдорӣ-коркард-фурӯш» барои коҳиш додани талафоти маҳсулот, таъмини пурраи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ба ин васила ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, афзоиши арзиши иловашуда, устувории таъминоти бозор ва таҳкими рақобатпазирии маҷмааи агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз он далолат мекунад, ки рушди инноватсионии истеҳсолот боиси татбиқи усулҳо ва равандҳои ҷадид дар истеҳсолот гардида, бидуни дигаргунсозии сифатии иқтидори истеҳсолӣ дар

асоси васеъ ҷорӣ ва паҳн намудани комёбиҳои илмию техникӣ рушди истеҳсолот ғайриимкон аст.

Дар шароити рушди муттасили иқтисодиёт ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ як василаи асосии баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти агросаноатӣ, нигоҳдории суръати баланди рушд ва сатҳи даромаднокии соҳаи агросаноатӣ маҳсуб меёбад.

Муаллиф иброз медорад, ки ҳоло дар назди корхонаҳои соҳаҳои агросаноатии водии Ҳисор мушкилоти мураккаби илмию техникии зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол, роҳҳои нави муносибгардонии раванди нигоҳдорӣ ва коркарди саноатӣ, пешгирии вайроншавии микробиологӣ ва ба ин васила баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва васеъ намудани хелҳои он меистад, зеро талабот ба маҳсулоти баландсифати соҳа сол то сол бо зиёд шудани шаҳрнишинии аҳолӣ, тезонидани муназаммиӣ зиндагӣ ва оммавӣ гардонидани тарзи ҳаёти солим афзуда истодааст.

Бояд ёдовар шуд, ки хатҳои технологӣ ва таҷҳизоти инноватсионӣ дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи стандарти ҷавобгӯ ва ба истеҳсолкунанда дар таъмини гирифтани фоидаи дилхоҳ нақши бунёдӣ дорад. Вале хатҳои технологӣ ва таҷҳизоти муосир дар хориҷи кишвар арзиши гарон дошта, корхонаҳо барои таъмини соҳа пурра аз хориҷи кишвар вобастагӣ дорад. Аз як тараф бештари корхонаҳои хурду миёнаи водӣ бинобар сабаби нотавонии молиявӣ қобилияти бо арзиши гарон харидории хатҳои технологиро надоранд. Аз тарафи дигар, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба додани миқдори зиёди қарз таваккал намекунанд.

Зеро, корхонаҳои хурду миёна аз ташкилотҳои қарзӣ қарзи дарозмуддат талаб менамоянд ва амволи гарави кафолатнок пешниҳод карда наметавонанд. Инчунин, сатҳи пасти дастгирии буҷет, ғайримақсаднок истифодабарии маблағи фондҳои суғуртавӣ ва таваҷҷуҳи ками инвесторони хориҷӣ мушкилоти манбаъҳои дастрасии молиявии соҳаро боз ҳам душвортар намудааст. Барои баромадан аз ин тамоюл механизмҳои нави дастрасии молиявӣ ҷиҳати харидории хатҳои технологии муосир муҳим мебошад.

Тибқи андешаи муаллиф лизинг (иҷораи молиявӣ) яке аз механизмҳои ҳалли мушкилоти дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ, ҷиҳати таъмини корхонаҳои хурду миёнаи коркард бо хатҳои технологии инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Лизинг метавонад корхонаҳои коркардро бо техника ва таҷҳизоти муосир таъмин ва ба рушди корхонаҳои агросаноатӣ мусоидат намояд.

Бинобар ин, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ба ин васила кам шудани талафоти маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда ва таъмини корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо хатҳои технологии инноватсионӣ, модели «Агросаноатлизинг»-ро пешниҳод намудааст.

Муаллиф бо пешниҳоди хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ исбот намудааст, ки дар ҳолати корхонаи хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии ғайримаъмулии тавсиявӣ метавонад дар муддати 10 сол пурра соҳиби он гардад.

Ҳисоб карда шудааст, ки ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии инноватсионӣ ба фоида ва сатҳи даромаднокии корхона таъсири зиёд намерасонад.

Ҷадвали 7.-Самаранокии муқоисавии истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ дар корхонаҳои хурд бо технологияи анъанавӣ ва инноватсионӣ дар соли 2024

Нишондиҳандаҳо	Технология	Шарбатҳои мевагӣ			
		Зардолу	Себ (шарбати шаффоф-коринашуда)	Себ (шарбати бо фермент коркардшуда)	Олу
Ҳамагӣ, талафот ва партовҳо ҳангоми коркарди технологӣ %	Анъанавӣ	30	51	48,5	36
	Инноватсионӣ	26	48	45,5	31,5
Баромади маҳсулоти тайёр %	Анъанавӣ	70	49	51,5	64
	Инноватсионӣ	74	52	54,5	68,5
Меъёри сарфи маҳсулот ба 1000 кг. шарбат, кг	Анъанавӣ	1428,6	2040,8	1941,7	1562,5
	Инноватсионӣ	1351,3	1923,1	1834,8	1459,8
	Инноватсионӣ нисбат ба анъанавӣ, %	5,4	5,8	5,5	6,6
Истеҳсоли шарбат аз 1000 кг, қуттии шартӣ	Анъанавӣ ва инноватсионӣ	2833	2833	2833	2833
Истеҳсоли шарбат аз 1000 кг, қуттии физикавии ғунҷоишаш I-82-1000 см³ (1л.)	Анъанавӣ ва инноватсионӣ	955,1	953,2	949,4	955,1
Хароҷоти истеҳсолӣ барои 1000 кг шарбат, сом.	Анъанавӣ	13260,3	16671,7	16280,1	12589,0
	Инноватсионӣ	11519,8	14625,6	14262,5	10650,9
	Инноватсионӣ нисбат ба анъанавӣ, %	13,1	12,3	12,4	15,4
Нархи миёнаи фурӯши 1 қуттии физикавии ғунҷоишаш I-82-1000 см³ (1л.), сом.	Анъанавӣ	21	21,5	21,5	21
	Инноватсионӣ	22	22,3	22,3	22
	Инноватсионӣ нисбат ба анъанавӣ, %	104,8	103,7	103,7	104,8
Даромад аз фурӯши 1000 кг. шарбат, сом.	Анъанавӣ	20057,1	20493,8	20412,1	20057,1
	Инноватсионӣ	21012,2	21256,4	21171,6	21012,2
	Инноватсионӣ нисбат ба анъанавӣ, %	104,8	103,7	103,7	104,8
Фоида аз 1000 кг. шарбат, сомонӣ	Анъанавӣ	6796,8	3822,1	4132,1	7468,1
	Инноватсионӣ	9492,4	6630,8	6909,1	10361,3
	Инноватсионӣ нисбат ба анъанавӣ, %	139,7	173,5	167,2	138,7
Дараҷаи даромаднокӣ, %	Анъанавӣ	51,3	22,9	25,4	59,3
	Инноватсионӣ	82,4	45,3	48,4	97,3
	Фарқияти %	31,1	22,4	23	38

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи корхонаҳои хурди коркард дар водии Ҳисор дар соли 2024

Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ хароҷоти истеҳсолиро 12-15% кам намуда, гирифтани фоидаи бештарро таъмин ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаро баланд мебардорад. Ҳамчунин, исбот карда шуд, ки барои истеҳсоли 1000 кг шарбат бо технологияи инноватсионӣ меъёри сарфи ашёи хом нисбат ба технологияи маъмулӣ аз 5,4% то 6,6% кам шуда, дар натиҷа ба арзишафзоӣ аз ҳисоби хароҷоти истеҳсолӣ 12,4-15,4% ва нархи фурӯш 3,7-4,8% мусоидат ва гирифтани фоидаро 38,7-73,5% ва сатҳи даромаднокиро 22,4-38% афзун менамояд.

Аз маълумоти ҷадвали 7 бармеояд, ки истеҳсоли шарбатҳои мевагии консервакардашуда бо технологияи инноватсионӣ талафот ва партовҳоро

ҳангоми коркарди технологӣ аз 3%-и коркарди себ то ба 4,5%-и коркарди олу кам менамояд. Сабаби кам шудани талафот ин аз лунда пурра ҷаббида ва қисман гирифтани оби донак барои таркиби шарбат мебошад, ки хоси технологияи инноватсионӣ буда, бо технологияи маъмулӣ ин амал ғайри имкон аст.

Ҳамчунин, меёъри сарфи маҳсулот бо технологияи инноватсионӣ барои истеҳсоли 1000 кг шарбатҳои зардолу 1351,3 кг, себ бе иловаи фермент 1923,1 кг., себ бо иловаи фермент 1834,8 кг, ва олу 1459,8 кг ашёи хом масраф мешавад, ки назар ба технологияи маъмулӣ аз 5,4 то ба 6,6 банди фоизӣ кам мебошад. Сабаби зиёд будани меъёри сарфи ашёи хом ба 1000 кг шарбат ин талафот ҳангоми ба навъҳо ҷудокунӣ, исканҷакунӣ ва талафоти раванди технологӣ маҳсуб меёбад.

Бартариҳои ба тариқи лизинг ба даст овардани техника ва таҷҳизоти кокардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ метавонад омили рушди соҳа гардад. Аммо, дар баробари батариҳо монеаҳои рушди лизиги техника ва таҷҳизоти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шуданд. Муаллиф дар ин самт ба хулоса омадааст, ки бе дастгирии давлатӣ бартарафкунии монеаҳои рушди татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ имконнопазир аст.

Маврид ба зикри хос аст, ки сифати фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ низ масъалаи ҳалталаб боқӣ монда истодааст. Зеро ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии ҷиҳатҳои мусбат ва манфии натиҷаҳо ва самаранокии корхонаҳои коркард кофӣ буда наметавонад. Таҳлил ва баҳодиҳии сифатӣ барои дарёфт ва ҷойгиркунии шаклҳои соҳибкории хурду миёна, инчунин рушди василаҳои дастгирии давлатии онҳо муҳим мебошад. Муҳиммияти омили сифатӣ дар он возеҳ мешавад, ки сиёсати татбиқшавандаи дастгирии давлатӣ бояд бо дарназардошти пешгӯйикунӣ ва ё ояндабинӣ (дурнамои рушду тараққиёт) роҳандозӣ карда шавад.

Бинобар ин, муаллиф бо мақсади муайянкунии самтҳои дастгирии давлатии ояндадор бо истифода аз методҳои иқтисодию математикӣ дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзиро дар водии Ҳисор пешгӯйӣ ва ҳисоби афзоиши бузургиҳоро ба воситаи усули экстрополатсия барои давраи то соли 2030 муайян намудааст. Баҳри пешгӯйии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор аз усули лағжиши миёна истифода шуда, моҳияти усули мазкур дар он «аст, ки суръати афзоиш дар 6 давраи наздик ҷамъ гардида, ба адади 6 тақсим карда мешавад. Ҳамин тавр, баробарии базисии суръати афзоиш ҳосил мешавад» [1].

«Дар асоси баробарии нишондиҳандаҳо тағйирёбии миёнасолона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:» [1].

$$Бо - Б1\Delta = n - 1, \qquad (1),$$

Дар ин ҷо; Бо – бузургии охири баробаркунии қатор;

Б1 – бузургии аввал;

n – шумора баробаркунии бузургиҳо

«Дурнамои суръати зиёдшавӣ дар марҳилаи баъдина бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:» [1].

$$Бх = Бо + 2\Delta \ldots \quad (2),$$

Банақшагирии ҳаҷми нишондиҳандаҳо бо тартиби зер муайян карда мешавад:

$$Бнақ = \frac{Бҳсҳ\ (100 + Боа)}{100} \quad (3),$$

Дар ин ҷо: Бҳсҳ - бузургии ҳақиқии соли ҳисоботӣ;

Бнақ - бузургии нақшавӣ

Ҳамчунин, ҷоиз аст, ки ҳангоми нишондиҳандаҳои ояндабинӣ бузургии миёнаро низ истифода барем. Акнун нишондиҳандаҳои дурнамо бо формулаи зер шуморӣ карда мешавад

$$Бнақ = Бҳсҳ + \Delta, \quad (4)$$

Дар ин ҷо: Δ - нишондиҳандаи рушди миёнасолона

$$\Delta = \frac{\Delta 1 + \Delta 2 + \cdots . + \Delta Б}{n-1} \qquad \Delta Б = \frac{Бо - Б1}{n-1}$$

Ҷадвали 8.-Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор барои давраи то соли 2030 ***(ҳаз.т.)***

Номгӯйи маҳсулот	Солҳо						Дурнамо			Сатҳи дурнамо нисбат ба соли 2023, %	
	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2025	2028	2030	2025	2030
Гӯшт	34,6	36,2	38,6	43,2	46,5	51,1	68,1	93,6	110,6	133,3	216,4
Шир	150,6	153,0	154,0	155,9	158,4	165,4	178,9	199,1	212,3	108,1	128,6
Сабзавот	360,5	384,9	413,2	441,0	423,7	545,9	708,3	952,1	1114,6	129,7	204,1
Полизӣ	15,4	14,7	16,0	17,6	17,2	23,8	28,7	36,1	41,0	120,5	172,3
Мева ва буттамева	64,9	65,3	61,5	61,8	72,3	82,6	90,2	101,6	109,2	109,2	132,2
Ангур	76,0	79,4	81,1	104,3	116,0	46,5	65,5	93,8	112,8	140,8	242,5

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024,-С. 162-180 ва С. 282-286 ҳисоб карда шуд

Мувофиқи пешгӯйикунии муаллиф бе назардошти омилҳои таъсиррасони табиӣ, яъне ҳисоби афзуншавии экстенсивӣ ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар соли 2025 ба 33,3%, шир 8,1%, сабзавот, 29,7%, полизӣ 20,5%, меваю буттамева 9,2% ва ангур 40,8% зиёд хоҳад шуд. То давраи соли 2030 бошад нисбати соли 2023 дар ҳаҷми 28,6%-и шир, то 2,4 баробар истеҳсоли ангур меафзояд. Гарчанде сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақа майли зиёдшавиро дошта бошад ҳам, аммо аз ҳисоби афзоиши талабот мумкин аст ҳаҷми коркард тағйир ёбад.

Дар диссертатсия муаллиф таъкид намудааст, ки таҳлили дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор қонеъкунанда буда, сиёсати дастгирии давлатӣ дар самти ҷойгирнамоии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ бо дарназардошти дурнамо роҳандозӣ карда шавад.

Таҳлили истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки дар солҳои 2021-2023 корхонаҳои истеҳсоли ҳасиб аз 4,4% то 87,6%, истеҳсоли равғани маска аз 10,3% то 61%, истеҳсоли панир аз 0,6% то 63,4 ва корхонаҳои истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот аз 4,8% то 18,7%-и тавоноии худро

истифода кардаанд. Лекин, дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор барои давраи то соли 2030 нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар соли 2025 ба 33,3%, шир 8,1%, сабзавот, 29,7%, полизӣ 20,5%, меваю буттамева 9,2% ва ангур 40,8% зиёд хоҳад шуд. То давраи соли 2030 бошад нисбат соли 2023 дар ҳаҷми 28,6%-и шир то 2,4 баробар истеҳсоли ангур афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин лиҳоз, сатҳи барҳамхурӣ ва истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дурнамои коркарди маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти воридоти маҳсулоти асосии кишоварзӣ аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин карда наметавонад.

Ҳоло дар водии Ҳисор имконияти зиёде оид ба ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла оид ба коркарди гӯшт, шир, сабзавот, полизӣ, мева ва буттамева, ангур, зағир, пахта ва ғайра мавҷуд аст. Дар ин замина имконият пайдо мегардад, ки талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти ниҳоии арзон ва баландсифати кишоварзӣ таъмин карда шавад ва барои бунёди ҷойҳои нави корӣ, қадамҳои устуворро дар роҳи саноатикунонии босуръати кишвар, амалӣ гардидани стратегияи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам ва беназир хоҳад буд.

Хулоса, ба андешаи мо давлатро зарур аст сиёсати худро ҷиҳати роҳҳои ҳавасмандгардонии ояндадор, аз ҷумла ҳавасмандгардонии андозӣ-гумрукӣ, қарзӣ-молиявӣ, инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ, омӯзишӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ-таҷрибавӣ ва машваратӣ-маркетингӣ такмил диҳад.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар асоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, омӯзиши асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба асосҳои назариявию амалии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ чунин хулоса ва пешниҳодҳо бароварда шуданд:

1. Дар раванди таҳқиқоти илмии мафҳум ва моҳияти иқтисодии корхонаҳои хурду миёна муайян карда шуд, ки олимони ватаниву хориҷӣ оид ба нақши назаррас доштани корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисодиёт ақидаҳои зиёд пешниҳод намудаанд, аммо то ҳоло мафҳуми ягонаи корхонаҳои хурду миёна ба таври дақиқ пешниҳод карда нашудааст. Бинобар ин, мо мафҳуми корхонаҳои хурду миёнаро вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт пешниҳод намудем. Корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ - ин як навъ фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи бо критерияҳои маҷмуии қонунан ҷудокардашуда, ки ашёи хоми соҳаи кишоварзиро ба маҳсули барои истифода ва истеъмол тайёр, аз он ҷумла коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ менамоянд, ки ҳадафи асосии онҳо муносибгардонии маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти худ корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун як ҷузъи соҳибкории хурду миёна баррасӣ намуда, ба хулоса омадем, ки бо нишондиҳандаҳои маҷмуии ҷудо намудани корхонаҳои хурду миёна аз корхонаҳои калон имконият медиҳад, ки танзим ва дастгирии давлатии соҳаи мазкур мукаммал гардида, дар муайянкунии андозаи корхонаҳои хурду миёна ба инобат гирифтани сатҳи рушди иқтисодиёт ба соҳаҳои хоҷагии халқ муҳим мебошад [6-М];

2. Дар таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуд, ки омили муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳаҷми истеҳсоли ашёи хом, бозори истеъмолӣ, ифрасохтор, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, энергетикӣ, логистикӣ, иқтидори илмӣ-техникӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, экологӣ ва бахусус, миқёси корхона маҳсуб ёфта, тавсия карда шуд, ки дар қонунгузории соҳаи соҳибкории хурду миёна принсипҳои «идоракунии мутамарказ», «мувозинатии ҷойгиркунӣ», «масъулияти мақомоти давлатӣ», «тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм» муайян ва дар амал татбиқ карда шавад. Ҳамчунин, исбот карда шуд, ки дар бештари ҳолат барои муайян намудани сарҳади андозаи корхона истифода як ва ё ду нишондиҳанда наметавонад дақиқан андозаи корхонаҳоро муайян намояд.

Бинобар ин пешниҳод карда шуд, ки барои ҷудо намудани андозаи корхонаҳо «критерияҳои маҷмуӣ» истифода ва онро аз рӯйи объекти идоракунӣ ва вазифаҳои субъекти идоракунанда ҷудо намуда, шумораи кормандон, дороиҳо, сифати дороиҳо, иқтидор ва истифодаи он ва даромади солонаи корхона ҳамчун нишондиҳандаҳои муайянкунандаи андозаи соҳибкорӣ қабул карда шавад [7-М, 14-М].

Дар ин самт, ҷиҳати такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи таҷрибаи низоми ташкил ва дастгирии давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Хитой, Ҷопон, Узбекистон ва ғайра дар асоси: стратегияи хосияти инноватсионидошта, низоми самараноки дастгирии молиявӣ-қарзӣ, ҳавасмандгардониҳои андозӣ-гумрукӣ, инфрасохтори рушдкарда, кори муназзами ниҳодҳои бозорӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳои мамлакатҳои тараққикарда мавҷуд аст [11-М];

3. Таҳлили ҳолати кунунии ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки новобаста аз 5,5% коҳиш ёфтани масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ ҷамъоварии ҳосили шолӣ 3,5 баробар, сабзавот 44,3%, полизӣ 88%, меваю буттамевагиҳо ва ангур 24,3% афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бошад аз 7,5% зиёдшавӣ дар истеҳсоли пашм то 71,4% афзуншавии истеҳсли пилла ба назар мерасад. Ҳамчунин, таҳлилҳо собит намуданд, ки новобаста аз он ки аксари нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои бахши саноати коркард тамоюли рушд дошта бошанд ҳам, аммо номутаносибии ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсоли хӯрокворӣ сабаби кам коркард шудани маҳсулоти кишоварзӣ гардидааст. Дар ин самт асоснок карда шуд, ки сатҳи пасти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ риоя нашудани принсипи «ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар наздикии ашёи хом» ва мавсимии истеҳсолот сабаби номунтазамии таъминоти корхонаҳои соҳа бо ашёи хом гардида, ҳамчунин куҳнашавии технологияи коркард боис шудааст, ки иқтидори корхонаҳои коркард дар водӣ ба пуррагӣ истифода намешавад.

Пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати коҳиши хароҷоти логистикӣ-нақлиётӣ, истифодаи пурраи иқтидор, пешгирии талафоти маҳсулоти зудвайроншавандаи кишоварзӣ, корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда дар наздикии ашёи хом ҷойгир кардашуда, ҷиҳати мунтазамии таъминоти онҳо бо ашёи хом, истеҳсоли навъҳои маҳсулоти кишоварзии коркардбоб

